ТДУ: 336.1

# ТАСНИФОТИ ХАВФУ ХАТАРҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

**Хушвахтзода Қ.Х.-** д.и.и, ДМТ, **Зувайдуллоева Г.Х.-** омӯзгори
ДДБ ба номи Н. Хусрав

***Калимаҳои калидӣ:*** *хатар, сармоягузорӣ, саноат, корхона, инноватсия, омилҳо, хатари қарзӣ, хатари бозорӣ, хатари асъорӣ, хатарҳои дохилӣ, номуайян.*

Рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон омӯзиши мавқеъ ва нақши хавфро дар раванди сармоягузорӣ тақозо менамояд. Аксар корхонаҳои бузурги саноатии вилоят аз қабили ҶДММ “Ғаюр”, ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент”, ҶДММ “Ғаюр Семент”, ҶДММ “Хуачиан Ғаюр индустриал” ва ҶДММ “Ҳунтай моҳир семент” дар шароити имрӯза лоиҳаҳои ҳудудан калони сармоягузории ба самти инноватсионӣ нигаронидашудаpо амалӣ мегардонанд. Корхонаҳои мазкур дар фаъолияти худ бо маҷмӯи намудҳои гуногуни хавф дучор меоянд, ки онҳо аз ҳамдигар бо мавқеъ ва вақти ба вуқӯъ пайвастан, маҷмӯи омилҳои берунӣ ва дохилии ба дараҷаи онҳо таъсиррасон фарқ мекунанд.

Дар намуди умумӣ ба такя ба таҳлили синтетикии муносибат, ки дар адабиёти илмӣ истифода шудаанд, хавфҳои корхонаҳои саноатиро ба таври зерин тасниф кардан мумкин аст:

- хавфҳои қарзӣ, ки бо имконияти аз тарафи дебиторҳо барнагардонидани воситаҳои қарзӣ алоқаманд аст;
- хавфҳои бозор, ки аз рӯйи имконияти тағйироти шароити умумии бозор: фоизҳои гузошташуда, нарх муайян карда мешаванд;
- хавфҳои сармоягузорӣ – имконияти нагирифтани боздеҳи сармоя, талафи сармояи гузошташуда;
- хавфҳои дохилии мамлакат, ки ба имконпазирии тағйироти курси асъор, маҳдудкунӣ ва ё манъкунии хусусияти қонунидошта вобастаанд;
- хавфҳои барҳамхӯрӣ – имконпазирии пастшавии арзиши пасандозҳо ва ҳамчунин барҳамхӯрии бозории онҳо;
- хавфҳои амалиётӣ, ки имконпазирии хатоиҳо ба раванди идоракунӣ, вайронкунии қоидаҳои истифодабарӣ, регламенти равандҳо ва тартибот алоқаманд мебошанд;
- хавфҳои лоиҳавӣ – хавфи хатоҳо ва нобарорӣ дар лоиҳаҳои корхона;
- хавфҳои корӣ, ки бо имконпазирии вайроншавии уҳдадориҳои корӣ, қонунгузории умумӣ ва андоз, қонунгузории экологӣ ва хавфҳое, ки ба ном ва обрӯи корхона иснод меоваранд, алоқамананд.

Мо дар доираи хавфҳои корӣ ба таври илова ва хос хавфҳои низоъиро ҷудо намудем, ки дар натиҷаи муноқишаи манфиатҳои ширкат, менеҷмент ва кормандони он ба вуҷуд меояд.

- хавфҳои эътиборӣ хавфест, ки ба туфайли тағйирёбии муносибати бозор ва нуқтаи назари ҷомеа нисбат ба корхона ба вуҷуд омада, боиси талафоти арзиши корхона ва пасандозҳои он, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳамчунин қобилияти иҷро карда натавонистани уҳдадориҳои худ дар назди корхонаҳо ва мизоҷон, саҳомон ва умуман ҷомеа, яъне беэътибории он мегардад;
- хавфҳои мунтазам – онҳо ба равандҳои номукаммали истеҳсолот, ташкили онҳо, низом, таҷҳизот, асбобу анҷом, муҷаҳҳазии технологӣ вобаста буда, ба ҳар гуна талафот ва ё майлкунии натиҷаҳои корхона оварда мерасонанд;
- хавфҳои фалокатӣ, ки ба сар задани фалокатҳои ҷиддии хусусияти табиӣ ва техногенидошта (фалокат, садама, сӯхтор, обхезӣ, зериобмонӣ, фавворазанӣ ва ғайра) вобастаанд;
- хавфҳои иттилоотӣ ба раванди номуташаккилӣ дар низоми иттилоотии корхона алоқаманд буда, боиси сарфи зиёдатии захираҳо, пайдоиши хавфи истеҳсолӣ дар корхона ва паҳн гардидани он ба ҳудудҳои атроф ва ғайра мегардад[4,с.105].

Бо дарназардошти таснифоти хавфҳо ба андешаи мо дар таркиби хавфҳои корхонаҳои саноатӣ қисматҳои садамавӣ, систематикӣ, иттилоотӣ, эътиборнокӣ, корӣ, амалиётӣ, инвеститсиониро низ, ҷудо кардан мумкин аст. Айни ҳол ба андозаи бештар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон ба хавфҳои қарзӣ ва бозорӣ алоқаманд мебошанд, вале дар шароит ва раванди ҳодисаҳои муайян, ки ба туфайли сабабу натиҷа боиси хавфҳои саноатӣ мегарданд, метавонанд ба натиҷаҳои номатлуб оварда

расонанд. Аз ҷумла, талафоти имконияти хариди захираҳои зарурии истеҳсолот: мавод ва энергия (ки бо сабабҳои ҳам молиявӣ ва ҳам бозорӣ) ба вуҷуд меоянд. Ин, хусусан, барои истеҳсолоти бетанаффуси сикли давомноки технологӣ ва шароити вазнини коридошта (бофандагӣ, химиявӣ, саноати металлургӣ, соҳаи коркарди маъданҳои кӯҳӣ, энергетика) ба оқибатҳои вазнини хусусияти техногенидошта ва талафотҳои ба он мувофиқ оварда мерасонад.

Дар шароити муосир муайянкунии идоракуни хавфро ҳамчун раванди назорати мувофиқ бо мақсади кам кардани талафот дар мавриди сар задани ҳодисаи хавф таъриф додан мумкин аст. Ба ҳисоб нагирифтани омилҳои хавфи саноатӣ ба мавҷудияти корхона таъсири ҷиддӣ расонида метавонад, зеро ҳодисаҳои бо он алоқаманд, аз қабили садама ва фалокат, амалӣ карда натавонистани фаъолияти истеҳсолӣ ва ғайра метавонанд боиси қашшоқии корхона гарданд.

Ба андешаи олими ватанӣ Саидмуродов (Баротзода) Ш.М. хавфу хатари сармоягузорӣ имконияти талафот ва / ё аз даст додани фоида (фоида, даромад ва ғайра) дар муқоиса бо фаъолияти пешгӯишаванда мебошад[9,с.9].

Мо андешаи мазкурро ҷонибдор буда, дар ҳақиқат ҳангоми сар задани хавфу хатар дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон, мақсади асосии он яъне гирифтани фоида аз эҳтимол дур мемонад.

Дигар муаллифи ватанӣ Бақоев Ш.С. андеша ба он дорад, ки зуҳуроти хавфҳо, пеш аз ҳама, аз омили вақт вобастааст: коркард ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар давраи дарозмуҳлат пешбинӣ шудаанд, яъне истифодаи самараи дар оянда ҳосилшаванда вақти зиёдеро талаб мекунад. Хатар, пеш аз ҳама, дар марҳилаи коркарду татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамроҳ мегардад[1,с.20].

Ба андешаи мо муаллифи ватанӣ андешаашро сари вақт пешниҳод намудааст.Зеро то ҳол ба омили вақт вобаста будани хавфу хатарро дар адабиёти илмӣ кам вохӯрдан мумкин аст.

Дигар ин ки идоракунии хавфу хатар ташкили раванди тиҷоратиеро дар бар мегирад, ки он ба ҳамкории ҳамаи кормандон ва қисматҳои сохторӣ (натанҳо шуъбаҳои махсуси назорат ва идоракунии хавфҳо) асос ёфта, бо мақсади роҳ надодан ба талафоте, ки ба туфайли ҳодисаҳои чашмдоршаванда ва ғайричашмдошт ба амал меоянд ва ба ноил гардидан ба дараҷаи ба нақша гирифташудаи боздеҳи сармоя, фоиданокӣ ва ба сармоя табдил додани молу мулки корхона равона шудааст. Чунки мақсади идоракунии хавфу хатари сармоягузорӣ дар корхонаҳои саноатӣ аз инҳо иборат мебошад:

- минимизатсияи тафовути байни буҷа/бизнес-нақша ва натиҷаҳо, ноилшавӣ ба даромаднокии устувор (танзими хароҷоти захираҳо ва дар дараҷаи пасти қобили қабул нигоҳ доштани масраф барои истифодаи захираҳо);
- таъмини имконияти нигоҳ доштан/барқарор кардани фаъолияти истеҳсолӣ бо роҳи минимизатсияи хароҷот, ҳатто дар ҳолатҳои ба миён омадани ҳодисаи хавфҳои фавқулода;
- таъмини иҷроиши уҳдадории иҷтимоии дохилӣ ва берунаи корхона ва нигоҳ доштани эътибори он.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, бояд таъкид кард, ки корхона ҳангоми амалӣ гардонидани фаъолияти дилхоҳи истеҳсолӣ бояд як миқдори муайяни хавфҳоро паси сар намояд, зеро ягон намуди фаъолияти истеҳсолие мавҷуд нест, ки ба хавф алоқамандӣ надошта бошад. Мақсади ниҳоии низоми идоракунии хавфу хатари сармоягузорӣ ин устуворӣ ва пойдории фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ мебошад.

Ҳамаи хавфҳои таснифшударо аз рӯйи дараҷаи ченшавандагиашон ба 2 категорияи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

1) хавфҳои ба объекти идоракунӣ таъсири пешакии бевоситаи ченшавандадошта, яъне бузургии таъсири чунин омилҳои хавф пешакӣ ба таври аниқ пешгӯӣ гардида, дар натиҷаҳои ниҳоӣ бо рақамҳо дарҷ шудаанд, масалан андозаи солонаи таъсири популятсионии партовҳои корхонаҳои саноатӣ. Нисбат ба ин гурӯҳи омилҳои хавф мафҳуми хавфҳои миқдоран муайяншударо истифода мебарем. Ба ин гурӯҳ хавфҳои систематикӣ ва ҳамчунин хавфҳои портфелӣ-сармоягузориро дохил кардан мумкин аст;

2) хавфҳое, ки ба объекти идоракунӣ таъсири пешакии бевоситаи ченшаванда надоранд, яъне дар ибтидо натанҳо нисбат ба андозаи ҳақиқии таъсири ин гуна хавфҳо

ва хисорот, балки вақту муҳлати ба амал омадани онҳо ҳамчун ҳодисаи хавф ва зарар маълумот мавҷуд нест. Баҳодиҳии иқтисодии таъсири чунин омилҳои хавфу хатар аҳамияти пешакии муайянкунӣ надоранд, аз ин рӯ, онҳо истифодаи объектҳои хусусияти ғайрирақамидошта: тақсимоти эҳтимолият, функсияи ҳақиқатмонанд, маълумоти фосилавӣ ва ғайраро тақозо менамоянд. Ба ин гурӯҳ аксарияти кулли хавфу хатарҳои корхонаҳои саноатӣ мансуб дониста мешаванд, ки қисмати зиёди онҳо ба таври мустақим ва ғайримустақим (аз рӯйи механизми алоқаи сабабу натиҷа) ба хавфҳои технологӣ дохил мешаванд. Нисбат ба ин гурӯҳи хавфҳо мафҳуми «миқдоран муайяннашванда» истифода бурда мешавад.

Сиёсати умдаи идоракунии хавфро бо назардошти дар чорчӯбаи стратегияи идоракунии тиҷорат тибқи ченшавандагиашон гурӯҳбандишавии хавфҳоро чунин тавсиф додан мумкин аст:

1. Тавозуннокӣ дар байни активҳои (пулу моли) хавфӣ ва буфери хавфӣ (сармояи саҳҳомӣ, ҳимояи суғуртавӣ, захираҳо).
2. Таъмини дараҷаи қобили қабули натиҷаи хавф.
3. Пешгирӣ кардани ғуншавии активҳо (пулу мол) ва равандҳое, ки дар зери таъсири як хавф сурат мегиранд (диверсификатсия, такроршавии низом, ҳимояи ғайрифаъол).
4. Аутсорсинги хавф (аз ҷумла суғурта).

Ифодаи бевоситаи сиёсати идоракунии хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои санотии вилояти Хатлон нисбат ба навъҳои гуногуни хавф чунин аст: хавфҳои миқдоран муайяншаванда: портфелӣ, низомнок, ки онҳо бояд назоратшаванда ва идорашаванда бошанд. Хавфҳои ченшаванда бевосита ба амалигардонии фаъолият ҷиҳати арзишнокии тиҷорат алоқаманданд, аз ин рӯ, онҳо наметавонанд ва набояд ба андозаи пурра сарфи назар шаванд. Дар бобати хавфҳои миқдоран ченнашаванда (хавфҳои амалиётӣ, хавфҳои садамавӣ, хавфҳои корӣ) сиёсати идоракуниро татбиқ кардан мумкин аст (расми 1):

1) дуршавӣ (аз рӯйи имконият): пурра (масалан, хавфҳои корӣ, хавфҳои ҳуқуқӣ (юридикӣ);

2) аутсорсинг (дар ҳолати набудани имконият/мавҷуд набудани зарурати дуршавӣ, масалан хавфҳои садамавӣ);

3) бо захираҳои худӣ ба танзим даровардани хавфҳо (дар мавриди ғайриимкон будани аутсорсинг, масалан дар ҳолатҳои ғайриштатӣ, садамавӣ вайронкунии якдафъаинаи раванди технологӣ, ки ба шикастану харобшавии таҷҳизот ва иншоот, талафи коршоямии онҳо, партовҳои ба ҳаёт ва саломатии одамон хатарнок алоқаманд набуда, ба хароҷоти ғайриистеҳсолии захираҳо ва барориши маҳсулоти пастсифат (брак) алоқаманданд.

**Таҳияи муаллиф:** Дар робита ба ин, сохторбандии назарияи мавҷудаи идоракунӣ ва коркарди имконпазири низоми идоракунии хавфҳо бо баҳисобгирии хусусиятҳои корхонаи саноатӣ масъалаҳои муҳим ҳисоб меёбанд. Бо ин мақсад дар назди идоракунандагони хавф вазифаҳои муайян гузошта мешаванд, чунончи:

- муайянкунии терминологияи назарияи идоракунии хавфу хатар;
- ташаккул додани принсипҳо ва функсияи идоракунии хавфу хатар;
- муайян кардани унсурҳои асосии раванди идоракунии хавфу хатар дар корхонаҳои саноатӣ.

Бо ҳалли масоили додашуда комилии консептуалии назарияи идоракунии хавф дар корхонаҳои саноатӣ ба даст меояд. Таҳқиқоти мо маҳз дар алоқамандӣ ва мувофиқат бо вазифаҳои гузошташуда амалӣ гардонида шудааст. Низоми идоракунии хавфҳо, ба монанди дигар низомҳо, аз объект ва субъекти идоракунӣ иборат мебошад. Дар ин маврид ба сифати объекти идорашавандаи корхона ва муносибати иқтисодии он бо дигар агентиҳои хоҷагидорӣ баромад мекунад. Бузургии тағйирёбандаи идорашавандаро бузургии ҳисобкунӣ-дараҷаи хавф ташкил медиҳад. Қисмати идорашаванда ва ё субъекти идоракуниро дар ин зернизом гурӯҳи махсуси одамон (зерсохтор ва ё корманди корхона, ки аз хизмати мушовирони касбӣ истифода мебарад) ташкил медиҳанд, ки онҳо дар асоси ахбори гирифтаашон методҳои мухталифи назарияи хавфро истифода бурда, тадбирҳои таъсиргузоре меандешанд, ки ба идоракунии раванди пастшавии дараҷаи хавф ва ё дар ҳудуди муайян нигоҳ доштани он равона шудаанд.




**Расми 1. - Сиёсати идоракунии хавфҳои корхонаи саноатӣ.**

Низоми идоракунии хавфҳо дар корхона аз як тараф, низоми кушода буда, як қисмати низоми иқтисодиро ташкил медиҳад, ки он дар худ ҳамаи унсурҳои тавсифдиҳандаи сохтори додашударо фаро мегирад, аз тарафи дигар, он зернизомеро ба вуҷуд меорад, ки ҳамаи равандҳои дар корхона ба амал оянда ва шаклҳои фаъолиятро, ки байни ҳамдигар таъсири ҳам ба таври уфуқӣ ва ҳам ба таври амудӣ алоқамандӣ доранд, дар бар мегирад.

## АДАБИЁТ


1. Бақоев Ш.С. Такмилдиҳии механизмҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории минтақавӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) Автореферати диссертатсия Хуҷанд, 2020.-С.20
2. Кабушкина С. Н. Анализ различных определений понятию риск классиков экономической науки / С. Н. Кабушкина// Учеб. Пособие - М.: Новое знание, 2004-213с.
3. Лепихин А. П. Анализ финансовых рисков / А. П. Лепихин// Учеб.пособие. Краснояр. гос. ун-т - Красноярск, 2005- С. 240.
4. Скобелева И. П. Риски коммерческого банка: Оценка; система оптимального управления; риск, доходность, стратегия банка: монография / И. П. Скобелева, В. В. Мищенко// - СПб: ИПЦ СПГУВК, 2006-189с.
5. Саидмуродов (Баротзода) Ш.М. Такмили методҳои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ (дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) автореферати диссертатсия. Душанбе, 2018 - С.9


## АННОТАЦИЯ

## КЛАССИФИКАЦИЯ ИНВЕСТИЦИОННЫХ РИСКОВ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ


Авторы в своей статье обсуждают классификацию инвестиционных рисков и рисков на промышленных предприятиях. Было отмечено, что развитие инвестиционной деятельности на промышленных предприятиях Хатлонской области требует изучения положения и роли риска в инвестиционном процессе. Многие крупные промышленные предприятия региона, сталкиваются в своей деятельности с набором различных видов рисков, которые отличаются друг от друга местом и временем возникновения, набором внешних и внутренних факторов, влияющих на их степень. В своей статье авторы делают вывод, что система управления рисками на предприятии - это, с одной стороны, открытая система и часть экономической системы, которая включает в себя все описательные элементы данной структуры, с другой стороны, она создает подсистем, которая включает в себя все процессы,

происходящие на предприятии, и формы деятельности, влияющие друг на друга, как по горизонтали, так и по вертикали.

***Ключевые слова:*** *риск, инвестиции, промышленность, предприятие, инновации, факторы, кредитный риск, рыночный риск, валютный риск, внутренний риск, неопределенность.*

**ANNOTATION**

**CLASSIFICATION OF INVESTMENT RISKS IN INDUSTRIAL ENTERPRISES**

In their article, the authors discuss the classification of investment risks and risks in industrial enterprises. It was noted that the development of investment activities in industrial enterprises of Khatlon region requires a study of the position and role of risk in the investment process. Many large industrial enterprises of the region, face a set of different types of risk in their activities, which differ from each other in terms of location and time of occurrence, a set of external and internal factors that affect their degree. The authors conclude in their article that the risk management system in an enterprise is, on the one hand, an open system and a part of an economic system, which includes all the descriptive elements of a given structure, on the other hand, it creates a subsystem. which includes all the processes taking place in the enterprise and the forms of activity that affect each other both horizontally and vertically.

***Key words:*** *risk, investment, industry, enterprise, innovation, factors, credit risk, market risk, currency risk, internal risk, uncertainty*